## ТАҚРИЗИ

муқаррizи расмӣ ба рисолаи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз руи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла банди 1 – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, Банди 4 - Тарбия ва инкишофи кӯдакон дар ҷараёни намудҳои гуногуни фаъолият (бозиҳои гуногун: серҳаракат, сужетӣ-нақшдор, дидактикӣ, драматизатсия; фаъолияти бадеӣ: санъати тасвирӣ, тарбияи мусиқӣ, тартибдиҳӣ; фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ) ва банди 11 коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии** Рамазонов Давлат Сулаймонович ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

- дар асосноккунии назариявии таъмини рушди қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодӣ дар раванди фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ;
- дар ошкор сохтани имкониятҳои рушди қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ
- дар амалисозии “Амсилаи истифодаи бозиҳо дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон” дар машғулиятҳои таълимӣ, мусиқӣ ва ташкили бозиҳои миллии мусиқии кӯдакона;
- дар ташкилу баргузории корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ва ошкор кардани технологияи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ.

Дар ҷараёни таҳқиқот муҳаққиқ Рамазонов Давлат Сулаймонович ба он муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқоти илмии психологӣ–педагогӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъ ва масъалаи масъалаи таҳлили заминаҳои барномавӣ-методӣ инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро омӯзиши таҳқиқ намуда, вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ

ошкор намудааст. Муҳаққиқ мавзуи мазкурро аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулоса ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод намояд.

Дар madди аввал муқаддима ва дастгоҳи илмии диссертатсияро банду баст ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок кардааст. Нуктаҳои назариявию методологӣ дар диссертатсия ҳамаҷониба матраҳ гардида, ба талаботи имрӯзаи ташкилу гузаронидани озмоиши педагогӣ мувофиқат намудааст.

Зимни тарҳрезии фарзияи таҳқиқот унвонҷӯ он нуқтаро дар madди назар гузоштааст, ки инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ – эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ имконпазир мегардад, агар таъмини инкишофи ин раванд дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ, ки он ҳамчун фаъолияти пешбарандаи кӯдакон ба ҳисоб меравад, мавриди таҳқиқу озмоиш қарор ёбад. Инчунин қайд мегардад, ки масъалаи мазкур бояд дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии онҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ тибқи талаботҳои барномавӣ – методии зинаи таҳсилоти томактабӣ амалӣ карда шавад.

**Навгонии рисолаи Рамазонов Давлат Сулаймонович** бо он арзёбӣ мегардад, ки фарогири ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия буда, вазифаҳо ва фарзияи илмии онро дар амал татбиқ ва исбот намудааст. Дар ин радиф масъалаи рушди маҳорат, қобилият, эҷодкорӣ дар кӯдакон бо воситаи мусиқӣ ва бозиҳои таълимӣ дар асоси баҳисобгирии таҳқиқоти илмӣ ва арзишҳои маънавии миллӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шуда, барои бомуваффақият инкишоф ёфтани фаъолияти мусиқӣ роҳу усулҳои нави ташкили дарёфт намудааст. Ба раванди таълиму тарбия бозиҳои миллии мусиқии кӯдакона ворид гардиданд, ки барои рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ мусоидат мекунанд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодшуда дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Бо назардошти ин, унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки дар ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ босамарии чорабиниҳои таълиму тарбияи мусиқӣ, фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунии кӯдаконро тибқи талаботҳои

барномаи таълиму тарбиявии муассисаи таълимии томактабӣ ва "Амсилаи ташаккули қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ" ташкилу баргузор намуда, дар инкишоф ва такмилёбии қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодии кӯдакон натиҷаҳои назаррасро ба даст биёрад.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо.**

Аз ҷониби муҳаққиқ таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба заминаҳои барномавӣ методии фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ, низоми тарбия ва инкишофдиҳии қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон омӯхта ва таҳлил шуда, дар ҳамин асос нуқтаи назари илмии муҳаққиқ пешниҳод шудааст. Пояи илмии таҳқиқот, татбиқи амалии он, методҳои таҳқиқот, анҷоми ҳар як давраи таҳқиқот давоми мантиқии якдигар буда, ба талаботҳои қабулшуда нисбат ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада** ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд дуруст ва фарогири ҷанбаву ҷонибҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия ва фарзияи илмии муаллифи рисолаи илмӣ мебошанд.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Рамазонов Давлат Сулаймонович, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки диссертант ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл ва дар амал тасдиқ намудааст. Аз ин нуқтаи назар месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубрам, нававар ва дархури ниёзҳои зинаи таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ кунем.

**Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин аз он далолат медиҳанд:**

- Имкониятҳои рушди қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо истифодаи бозиҳои гуногун ташаккул меёбад;
- Кӯдакон аз хурдсолӣ на танҳо ба мусиқӣ шавқу рағбат пайдо мекунанд, балки дар дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ фаъолона иштирок намуда, сифатҳои ахлоқи-зебоипарастии кӯдакн ташаккул ва такмил меёбанд;
- "Амсилаи истифодаи бозиҳо дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон" дар машғулиятҳои таълимӣ, мусиқӣ ва ташкили бозиҳои миллии мусиқии кӯдакона мавриди истифода қарор ёфта, рушди

қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодӣ дар раванди фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ таъмин менамояд.

Интихоб намудани технологияи педагогии тарбия барои ташаккул додани қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, инчунин бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон, инкишоф додани дониш, маҳорат ва малакаҳои тақлиднамоӣ имконият медиҳад, ки таассурот аз мусиқӣ ва тасвирҳои дарккардаашро кӯдак озодона баён кунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро** заминаҳои барномавӣ методии фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ, низоми тарбия ва инкишофдиҳии қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон ташкил медиҳанд, ки онро омӯзгорони мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо мураббия дар фаъолияти таълимию тарбиявии худ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии тарбиятгирандагон аз шароиту имкониятҳои педагогии худ ба таври эҷодӣ истифода бурда метавонанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон бо истифодаи бозиҳои гуногун дар муассисаҳои томактабӣ ташаккул ёфта, истифодаи бозиҳои халқӣ, фолклори бачагона, мусиқӣ, шеъру таронаҳои кӯдакона иҷтимоишавии онҳоро дар фаъолияти якҷояи таълиму тарбия таъмин менамоянд. Дар заминаи таҳлилу коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тавсияҳои психологӣ, педагогӣ таҳия ва коркард шуданд, ки онҳо ба беҳдошти раванди корҳои таълиму тарбиявӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқию бозиҳо ва инкишофёбии қобилияти эҷодию мусиқии кӯдакон мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқотро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:**

- мубрамияти инкишофи қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон дар фанни психологияи бачагона ва педагогикаи томактабии ватанӣ бори аввал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст;

- мафҳумҳои маҳорат, қобилият, истеъдод, эҷодиёт, эҷодкориро мувофиқ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот шарҳу тавзеҳ додааст;

- таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабиро омӯхта ва таҳлил намуда, дар кори озмоишии худ роҳу усулҳои самарабахши истифодаи фаъолияти мусиқӣ – эҷодиро дар инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон мавриди истифода қарор дода, “Амсилаи ташаккули қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ” таҳия шудааст.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ рехта шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо, руйхати

адабиёт таркиб ёфтааст. Дар мукаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, максаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаву усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - **"Асосҳои назариявӣ ва амалии инкишофи қобилияти мусиқӣ- эҷодии кӯдакони синни томактабӣ"** асосҳои назариявӣ ва амалии инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ омӯзишу таҳлил гардида, унвонҷу қайд менамояд, ки дар фаълияти инсон қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдодӣ, фикру ақида, назария, консепсия, роҳёфти гуногун арзи вуҷуд дошта, инкишофи қобилияти кӯдакон, махсусан дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмили онҳо дар замони имрӯза масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Фасли якум **"Инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ"** таҳлил гардидаанд. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки масъалаи рушди қобилияти эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ имрӯзҳо таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи психология ва педагогикаро ба худ ҷалб намудааст.

Эҷодкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи мавҷудияти кӯдак ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки майлу рағбати кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, омили муайянкунандаи раванди инкишоф ва ташаккули қобилият мебошад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Рамазонов Д.С. рушди аломату нишонаҳои қобилият самти иҷтимоӣ дорад ва метавонанд мувофиқи таъсири шароит, фаъолияти касбӣ инкишоф ёбанд ва дигаргун шаванд. Андеша, ғоя, муҳокимарониҳо дар бораи қобилиятро мавриди баёну таҳлили ҳашт андеша ( саҳ.28-30) арзёбӣ ва пешниҳод намудааст.Аз ҷумла, қайд мегардад, ки кӯдакони маҳрум аз қобилият вуҷуд надоранд. Табиат ба ҳар як фард аломат, нишонаҳо ё худ заминаҳои анатомӣ-физиологии онро медиҳад, ки минбаъд метавонад инкишоф ёбад ва ё нобуд гардад. Аломату нишонаҳои қобилият бояд дар шароиту вақти муайян инкишоф дода шаванд, зеро аз даст додани вақту фароҳам наовардани шароити мусоид сабаби инкишоф наёфтани қобилияту лаёқатмандӣ шуда метавонад.

Муҳаққиқ хеле бамаврид таҳлилу таъкид намудааст, ки "шароити (шарти) асосие, ки барои эҷодиёти кӯдакон таъмин намудан лозим аст, ин таъмин намудани самимият дар муошираӯ муносибат аст. Маҳз ҳамин шароити самимият талаботро ба эҷодкорӣ, ки дар кӯдак мустақилона аз талаботҳои ботинии ӯ бармеояд, қонеъ мегардонад ва

заруряти ҳавасмандгардонии мақсадноки педагогиро аз байн мебардорад. Аз ҷумла, иштироки кӯдакон дар бозиҳои эҷодӣ, қоиданок, серҳаракат на танҳо фаъолияти фароғатӣ-истироҳатии кӯдаконро таъмин менамояд, инчунин қобилиятҳои мусиқӣ-бадеӣ, эҷодӣ-мусиқӣ, рақсию суханварии кӯдаконро ташаккул медиҳанд.

Дар зербоби дуюм **«Хусусияти инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ»** масъалаҳои инкишоф додани қобилияти кӯдакон, махсусан дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмили онҳо қайд карда мешавад, ки таълиму тарбияи мусиқӣ, масъалаҳои такмили маҳорати мусиқӣ ва эҷодӣ дар афкори адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Дар таҳқиқотҳои психологӣ роҳу усулҳои муайянсозии қобилияту истеъдоди кӯдакон мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Дар кӯдакони соҳибистеъдод фаъолнокӣ, шавқу рағбати махсус дар фаъолиятҳо зуҳур мегардад, ки онҳо ифодагари ин ё он намуди қобилият мебошанд.

Қайд мегардад, ки қобилияту истеъдоди ақлию зеҳнии кӯдакон зиёдтар дар инкишофи нутқ, дар хотир нигоҳ доштани теъдоди зиёди мазмуни афсонаҳо, шеърҳо, иҷрои амалҳои фикрӣ, рушди тафаккури образноки мантиқӣ, хаёлу тахаюлоти эҷодӣ ва ғайраҳо зоҳир мегарданд. Барои ташхиси қобилияту истеъдоди онҳо дар психология методикаи зиёди ташхисии махсус коркард карда шуда дар таҳқиқот истифода бурда шуд. Инчунин, қайд гардидааст, ки қобилияти эҷодӣ- суханварии кӯдак дар давраи томактабӣ ба фаъолияти азхудкунии лафзи модарӣ, нутқи шифоҳӣ асос ёфта, он дар зерхати азхудкунии тарзи дурусти талаффузи овозҳои кӯдакон ва риояи меёри адабии суханронӣ); луғатомӯзӣ (бой гардидани захираи луғавӣ, фаҳмидани мазмуни калимаю ибораҳо ва дар нутқи фаъол истифодабарии онҳо); услуби баёни фикр дар нутқи мураттаби гуфтугӯӣ ва монологӣ; таҳия ва нақл намудани мазмуни ҳикояву афсонаҳо, аз ёд хондани шеър; ибрози андеша ва мазмуни матнҳои адабӣ бо риояи қоидаи синтаксисӣ (ташаккулёбии сохти граматикии нутқи адабӣ) ифода мегардад.

Дар ин раванд инкишофи муносибатҳои байнишахсӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар эҷодиёти коллективӣ дар хайрхоҳӣ, ошкорбаёнӣ, хоҳиши бо кӯдакон будан, бо воситаи бозӣ бадеахонӣ, малакаи муошират кардан бо калонсолон ва кӯдакони синни томактабӣ мувофиқи синну сол, дар иҷрои эҷодкоронаи импровизатсияҳо ва интонасия-нутқ зоҳир мешаванд.

**«Имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакони синни томактабӣ»** дар зербоби сеюми боби

якум дида шудаанд. Қайд мегардад, ки бозӣ чун фаъолияти махсуси инсонӣ ҷабҳаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, таълиму тарбиявиро дар бар мегирад. Он бо тағйиру такмилёбии худ вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ба рушди маҳорату қобилиятҳои бозингарон, махсусан, кӯдакону наврасон таъсир мерасонад. Дар заминаи ба ҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, барномаю дастурҳои таълимӣ зарурияти истифодаи намудҳои зерини бозиҳо барои кӯдакони то-7-сола пешниҳод карда шудаанд: сюжетию нақшофарӣ, намоишӣ ё худ саҳнавикардашуда, сохтмонӣ, серҳаракат ва дидактикӣ. Дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии кӯдакон вобаста ба қобилияти инкишофдиҳандагӣ ташкилу роҳбарӣ карда мешаванд. Дар ташкилу баргузории ин бозиҳо инкишоф додани маҳорату қобилияти эҷодӣ таъмин карда мешаванд. Боиси қайд аст, ки аз ҷониби муҳаққиқ амсилаи “Сохтори таркибии бозиҳо дар инкишофи мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ” мураттаб ва мавриди истифода қарор ёфтааст. Барои мисол намунаи тахминии машғулиятҳои таълимиро пешниҳод намудааст.

Дар боби дуюм **“Технологияи инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ”** мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур, ки “**Заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ”** номгузорӣ шуда, қайд мегардад, ки дар амал татбиқ кардани ҳадаф ва вазифаҳои таълиму тарбиявӣ дар таҳсилоти томактабиро тибқи “Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ):, Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» фаъолияти бозӣ ташкил менамояд.(саҳ.82)

Дар раванди фаъолияти мустақилонаи кӯдакон бо истифода аз асбобҳо ба кӯдакон бояд имкони омӯзиши қисмҳои оркестрӣ ва интихоби оҳангҳоро аз рӯи шунидани мусиқӣ дода шавад. Барои рушди бомуваффақияти қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ фароҳам овардани шароитҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1.Шунидани асарҳои асбобӣ инчунин вокалӣ, муҳокимаи воситаҳои ифодакунандаи мафҳуми мусиқӣ, муқоисаи тембрҳои овоз, садои асбобҳо ва имкониятхои ифодаи онҳо баррасӣ бояд намуд. Ин барои корҳои эҷодии кӯдакон кӯмак хоҳад кард.

2.Инкишоф додани қобилиятҳои асосии мусиқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, аз қабили ҳисси ҳамоҳангӣ, иҷрои мусиқӣ, шунавоӣ ва ҳисси ритм.

3.Бо таассуроти равшани мусиқию бадеӣ, дониш, малака ва маҳорат дар фаъолияти мусиқӣ бой гардонидани таҷрибаи ҳаётии кӯдак. Чанд қадаре, ки таҷрибаи кӯдак ғанӣ гардад, зуҳуроти эҷодӣ ӯ торафт равшантар хоҳад гашт.

4.Истифодаи вазифаҳо ва машқҳои эҷодӣ дар машғулиятҳо, ки эҳтиёҷоти кӯдакони синни томактабӣ барои амалӣ намудани тасаввурот ва ғояҳои онҳоро ҳавасманд мекунанд. (саҳ.82.-83)

Мо пурра ба муаллифи диссертатсия ҳамфикр ҳастем, ки менависад: “Фаъолияти мусиқӣ воситаи ифодаи худшиносии миллии кӯдакон мебошад. Фаъолиятҳои бозии мусиқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути бозӣ санъати мусиқиро аз худ мекунанд. Дар ҷараёни бозии мусиқӣ кӯдакон дар бораи олами атроф, дарки ҷаҳон ва зебоии табиат маълумот гирифта, корҳои эҷодии худро пешниҳод мекунанд”. (саҳ.84)

Дар зербоби дуюм **“Омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ”** мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Дар кӯдакон омӯзонидани тарбияи мусиқӣ дар кӯдакистон бо бозӣ бо воситаи асбобҳои мусиқӣ дар шакли гурӯҳӣ ва фардӣ мувофиқи ба ҳисобгирифтани шавқу завқ, маҳорату қобилияти кӯдакон ба роҳ монда мешавад. Дар баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нақши мусиқии миллӣ, бозиҳои мусиқи-эҷодии миллӣ, ки дар онҳо фолклори мусиқӣ -бадеӣ мавқеи хоса доранд ва дар тарбия, таълим ва рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ нақши муҳим доранд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор ёфтааст.

Муҳаққиқ Рамазонов Д.С. муайян намудааст, ки интихоби матнҳо, мураккабу ҳаҷман калон будани асарҳои мусиқӣ ба дарки маъно, услуби аз ёд кардану ифоданок хондани матни адабӣ, иҷрои нақшҳо аз тарафи кӯдакон таъсир мерасонад. Мураккабии матнҳо ба кӯдакон ба мушкилиҳоро пеш меоранд ва чунин вазъият сабаби хасташавӣ, паст рафтани майлу хоҳиш, шавқу рағбат, хоҳишу талабот ва табъу завқи эҷодкорӣ, канораҷуӣ аз бозиҳои шавқовару ҳаловатбахш дар кӯдакон мегардад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти мустақилонаи мусиқии кӯдаконро, ки ба инкишофи қобилияти мусиқӣ- эҷодии онҳо мусоидат менамоянд, ба гурӯҳҳо тақсим намудааст.(саҳ.99)

Дар зербоби сеюм **«Кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он"** ҷамъбасти корҳи озмоишӣ-таҷрибавӣ дида баромада шудааст.

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар гирифта, муҳимияти яке аз вазифаи асосӣ — системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар ташкили фаъолияти мусиқӣ – бадеӣ ва бозии кӯдакон, ки дар он мунтазам мураккаб шудани мафҳуми вазифаҳои таълими мусиқӣ ва инкишоф, пайвастагии доимиро бо роҳ, равиш, восита ва усулҳои таъсири тарбиявӣ таъмин менамояд, тасдиқ карда шудааст. (сах.90)

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада унвонҷӯ як сисила тавсияҳои методиро ҷиҳати тақвият бахшидан технологияи тарбия ва рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳо интишор ёфтаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо дар бар мегиранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 23 мақолаи илмӣ, 2 дастури таълимӣ, аз ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 18 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**Эрод ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ таҳқиқоти анҷомдодашуда ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар диссертатсия натиҷаҳои ба даст омадаи унвонҷӯ бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои дигар олимон муқоиса

карда мешуд, махсусан олимони тоҷик М.Р. Юлдошева, Б.Хайруллоев, А.Б. Алиев, З.Назарова ва дигарон.

2. Агар дар рисолаи илмӣ мавриди таҳлили адабиётҳои илмӣ ва методии олимони ватанию хориҷӣ ва баргузории корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва хонавода, мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли он бояд ба таври васеътар мавриди таҳқиқ қарор меёфт, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
3. Бисёр бамаврид мебуд, агар муҳаққиқ зимни баргузории таҳқиқот ба савияи касбии мураббиён ва такмили ихтисоси онҳо дар ин самт бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекард, ки ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар мекард.
4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсия тадқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну муҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо дар бар мегирад.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймоновичдар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Рамазонов

Давлат Сулаймоновичсазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи
таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали
"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф"
дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8а.
Тел: 915.27.22.21 E-mail: kurbonova-73@mail.ru

25.04.2025

Имзои Қурбонова Г.А.ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
Филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи
маориф" дар шаҳри Душанбе Бахронбекова Н.